**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
доктори илмҳои техникӣ, дотсент
____________Назарзода Х.Х.
«____» ________соли 2024

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

1. **Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ аз Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ” мутобиқ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби додани тақризи муассисаи тақриздиҳанда иҷро шуда, ба унвони Шурои илмии 6D.КОА-017 дар назди Институти иқтисодиёт в демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар марҳилаи имруза дар соҳаи гидроэнергетика ислоҳоте, ки таъмини шароитҳои кори механизмҳои бозор фазои рақобатнокро барои фаъолияти мавҷуда ба вуҷуд меоваранд, ба анҷом мерасад. Ин давра барои пурра ба анҷом додани сохтмони ҶСК НБО “Роғун” ва таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар марҳилаи калидӣ мебошад. Бозори мутавозуни интиқоли барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил дода шуда, ҳамкории мутақобилан судманд дар ин самт фаъол гардонида мешавад. Воқеан, дар марҳилаи нави рушд дар мамлакат як қатор хусусиятҳо ва шароити мусоид барои сармоягузорӣ дар сохтмони гидроэнергетикӣ рӯи кор омаданд, ки фазои сармоягузориро таҳким менамояд. Зер худи бозори энергитикӣ, неруи барқ дар марҳилаи рушд қарор дорад, талабот ба ин неруи стратегӣ натанҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он меафзояд. Илова ба ин, истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои бозтавлишаванда, яъне об ва истеҳсоли неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза ба таълимоти рушди устувор рост меояд. Бинобар, дар Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои давраи солҳои 2007-2030, ки 1-уми октябри соли 2007 таҳти №500 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, дурнамои рушди иқтисодиётиёти мамлакт дар пояи мавҷудияти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ тарҳрезӣ шудааст ва инчунин, маҷмӯи тадбирҳое, ки ба дастгирии сохтмони НБО-равона карда шудаанд, баррасӣ гардидааст.

Соҳаи гидроэнергетикаи мамлакт аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад.Бинобар он, ин соҳа зери назорати давлат қарор гирифта, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ бо таъмини низоми мукаммали ҳавасмандгардонӣ яке аз воситаҳои муҳими ташкиливу иқтисодии дораву танзими фаъолияти сармоягузорӣ дохилӣ маҳсуб мешавад.Дар стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи гидроэнергетика масъалаҳои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, самтҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодӣ ва ҳуқуқии сармоягузориҳо тавсиф ёфтаанд.

Интихоби мавзӯъ ва ҳадафи таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур асосноккунии назариявӣ ва амалии роҳҳои такмил додани ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвестисионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ин масъаларо унвонҷӯ дар сатҳи зарурӣ ва лозима мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавзуи кори таҳқиқотии муаллифро воқеан мубрам, замонавӣ ва то имрӯз нокифоя таҳқиқ шуда ва интихоби мавзуро аз ҷониби унвонҷӯ саривақти меҳисобад.

Далелҳои дар боло овардашуда муҳимияти мавзуи диссертатсияи илмиро муайян мекунад, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ баҳогузорӣ менамояд.

**2. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия.** Таҳқиқотҳои назариявӣ, илмӣ ва амалии аз ҷониби олимони иқтисоддони ватаниву хориҷӣ ва худи муаллифро нисбат ба натиҷаҳои омӯзиши вазъи муосир ва фаъолияти инвеститсионӣ, аз ҷумла такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи кишвар, такмили механизмҳои ташкилии сармоягузорӣ ва истифодаи онҳоро дар ин самти фаъолият судманд арзёбӣ менамояд.

Ба сифати сарчашмаи маълумот иттилооти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои энергетикӣ ва муассисаҳои ҷумҳурӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маҷмуаҳои оморӣ, нигоришоти таҳлилӣ, маърӯзаҳои як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва натиҷаи таҳқиқоти худи муаллиф хизмат намудаанд. Дар рафти таҳқиқот ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои омӯзандаи доираи масъалаҳои марбута истифода шудаанд.

Ба қисмати заминаҳои иттилоотии диссертатсия Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хириҷии кишвар», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, стратегия ва барномаҳои

соҳавии сатҳи миллӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои энергетикӣ ва муассисаҳои ҷумҳурӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маҷмуаҳои оморӣ, нигоришоти таҳлилӣ, маърӯзаҳои як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва натиҷаи таҳқиқоти худи муаллиф хизмат намудаанд. Дар рафти таҳқиқот ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои омӯзандаи доираи масъалаҳои марбута, маводи воқеии дар монографияҳои алоҳидаи олимон нашр шудаанд ва натиҷаю мушоҳидаҳои шахсии таҳқиқгари мавзӯи диссертатсия истифода шудаанд.

Барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ ва ҳалли дурусти як қатор вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошташуда, истифодаи аз тарзу услубҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ба монанди усулҳои диалектикӣ, абстраксияи илмӣ,таҳлили системавӣ, назарияи идоракунӣ оптималӣ, усулҳои таҳлили қиёсиву сохторӣ, оморӣ-риёзӣ, идуксия, дедуксия ва ғайра истифода карда шудаанд.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идорунӣ тибқи самтҳои фаъолият ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 08.00.06.04 – Ташкили ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо, комплексҳо: идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ: 10.1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул(принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.11. Ҷараёни идоракунии ташкилот, зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он.

Ҳадафмуайянкунӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии ташкилот. Назорат, мониторинги бенчмаркинг. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо; 10.12. Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун системаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёри арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ, мувофиқат мекунад.

**4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсия дастовардҳои муҳими унвонҷӯро ҳамчун натиҷа, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад, ҳамаи онро ҳамчун фишурда ва давоми мантиқии матни диссертатсия мукаммал дидан мумкин аст. Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсур**ҳои** навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

-муқаррароти муаллифӣ доир ба мафҳуми "раванди сармоягузорӣ" ҳамчун объекти идоракунии равандӣ ироа шудааст, ки зинаҳои гуногуни амалисозии фаъолияти сармоягузориро дарбарп мегирад: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ (ҳам худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ); табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ (хароҷот) ё раванди табдил додани сармоягузорӣ ба объекти мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ (худи сармоягузорӣ); табдил додани захираҳо ба сармоя, ки даромади иловагӣ меорад ва ё раванди мубаддалшавии сармоягузориҳо ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ (худи инвеститсияҳо); Натиҷаи ниҳоии сармоягузорӣ – афзиши арзиши сармояе мебошад, ки онро тавсиф мекунад;

- асоснок карда шудааст. ки соҳаҳои гидроэнергетика аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад ва вобаста бо хусусиятҳои асосии зерин бояд зери танзими фарогири давлатӣ қарор гирад: а) арзишҳи баланди сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ, ки маблағи зиёдро талаб мекунаду ҷолибияташ барои сармоягузорони хусусӣ хеле паст мебошад; б) ҳаҷми зиёди корҳо, ки ба муҳлати тулонии сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ оварда мерасонад, ки бинобар он зарур аст, ки барномаи давлатии дастгирӣ ва кафолати фаъолияти сармоягузорӣ дар он таҳия ва амалӣ карда шавад;

-вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ арзёбӣ гардида, дар бораи имконияту захираҳои эҳтимолии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти нави илмӣ дода шудааст, ки ҳадафнокиву самаранокии сармоягузориро дар сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ бо иштироки сармоягузорони минтақавӣ аниқ намуда, мавқеи бартариятноки ҷумҳуриро дар бозори байналмилалӣ (минтақавии) неруи барқ фаъол мегардонад;

- асоснок карда шудааст, ки асоси идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои гидроэнергетика бояд барномаи мукаммали ҳавасмангардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ташкил

диҳад, ки ҳамчун ҳуҷҷати асосии барномавӣ баррасӣ гашта, самтҳои асосии фаъолияти ҳукуматро барои рафъи раванди ноустувории сармоягузорӣ ва эҷоди шароит барои фаъолияти судманди сармоягузорӣ инъикос намояд;

-самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он муайян карда шуданд, ки барои муайян ва мураттаб сохтани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он, ки бо мушкилоти вазъи молиявии соҳаи гидроэнергетикии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, мусоидат намояд;

- принсипҳои консептуалии идоракунии раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои паст намудани хавфи сармоягузорӣ коркард карда шудааст, ки имкон медиҳад, тавсияҳо оид ба интихоби фаврии инструментҳои идоракунии сармоягузорӣ мувофиқи вазъи бозори сармоягузорӣ ташаккул ёбад.

Илова ба навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ноилшуда, мавқеи илмии унвонҷӯро дар сатҳи таҳқиқот нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад, ки дар он исботи натиҷаҳои амалии кори унвонҷӯ мебошад ва он баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегирад, ки инҳо мебошанд:

- муқаррароти муаллифӣ доир ба мафҳуми "раванди сармоягузорӣ" ҳамчун объекти идоракунии равандӣ ва зинаҳои мантиқан пайдарҳами амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика;

- асоснок намудани бахши гидроэнергетика ҳамчун монополияи соф, ки дар бахши давлатии иқтисодиёт дохил шуда, вобаста бо хусусиятҳои он зери идораву танзими фарогии давлатӣ қарор мегирад;

- арзёбии вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва имконияту захираҳои эҳтимолии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иттилооти нави илмиро барои асоснок намудани ҳадафнокиву самаранокии саромоягузорӣ дар сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ фаъол мегардонад;

- асоснок намудани нақши калидии барномаи мукаммали ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи гидроэнергетика, ки ҳамчун воситаи асосии идоракунӣ, ки самтҳои асосии фаъолияти ҳукуматро барои рафъи раванди ноустувории сармоягузорӣ ва эҷоди шароит барои фаъолияти судманди сармоягузорӣ инъикос менамояд;

- муаяйн намудани самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он, ки барои муаяйн ва мураттаб сохтани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он, ки бо мушкилоти вазъи молиявии соҳаи гидроэнергетикии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, мусоидат намояд;

- асоснок намудани принсипҳои консептуалии идоракунии раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои паст намудани хавфи самоягузорӣ.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлили соҳавӣ асоснок гардида, унвонҷӯ як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст. Дар баробари ин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шудааст.

5. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муқаррароти асосии назариявӣ, усулҳои методӣ, пешниҳодҳо, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, метавонанд ҳангоми коркарди стратегияи рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, ки дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва энергетикӣ нақши калидӣ дорад, истифода шаванд. Муқаррароти асосии консепсияи азнавсозии сохтори идоракунии соҳаҳои гидроэнергетикаи миллӣ, таъмини устувории молиявии он метавонанд ҳангоми интихоби самтҳои азнавсохторбандӣ, пасткунии қарзҳоии дебиторӣ, мукаммалгардонии сиёсати тарофавӣ ва баландбардории истиқлолияти инвеститсионии ширкатҳои миллии гидроэнергетикӣ истифода шаванд. Мавқеи асосиро амсилаи ташаккули портфели сармоягузорӣ, ки нақши муҳимро дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ташкил медиҳаду самтҳои стратегии баландбардории самаранокии гидроэнергетикӣ ва мукаммалгардони механизми танзими давлатии онро муайян намояд, ишғол менамояд. Дар умум, муҳимияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснок кардашуда аз рӯи ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика ҷиҳати таъмини амният гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёти энергетика муайян карда мешавад.

Асоснокии холосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада дар пояи истифодаи эҷодкоронаи муқаррароти назариявии асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷӣ дар соҳаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои он сурат гирифтааст, ки сатҳи илмии онҳоро таъмин намудааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои илмии таҳлил васеъ астифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва коркарди захираҳои иттилооти дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди: асоснок намудани мубрамияти мавзуъ, ҳадафи гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф мустақилона тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми

идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои гидроэнергетикӣ, механизмҳои ташкилии идоракунии портфел ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва механизмҳои ташкилию иқтисодии татбиқи стратегияи рушди сармоягузории соҳаи гидроэнергетика пешниҳод намудааст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшаванда нашр гардидаанд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова ба ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Маҷмуан ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзӯи диссертатсия 7,25 ҷ.п-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

7. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар дар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Дар баробари ин, як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия низ, ки онҳо аз: ҳаҷми диссертатсия, ҷадвалу диаграммаҳо, адабиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия риоя гардидааст.

**8. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 12 расм, 21 ҷадвал, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 201 номгӯй иборат буда, кор дар ҳаҷми 182 саҳифа таҳия шудааст.

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзӯи диссертатсия ва сатҳи таҳқиқи он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ муайян гардидаанд; муқаррароте, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд. Ҳамзамон заминаҳои илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқ асоснок гардида, маълумот оид ба шарҳи мухтасари бобҳои таркибии таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидаанд.

Дар боби якум – “**Асосҳои назариявии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика**” муносибатҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар гидроэнергетика мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика тавсиф ёфтаанд. (саҳ. 15-63)

Дар диссертатсия мафҳуми "раванди сармоягузорӣ", ки тарҳи идоракунии раванди бисёрзинагии амалисозии фаъолияти сармоягузориро муаяйн менамояд, шарҳ дода шуда, марҳилаҳои зерини он ҷудо карда шудааст: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ (ҳам худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ); табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ (хароҷоти инвеститсионӣ) ё раванди табдил додани сармоягузорӣ ба объекти мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ (худи инвеститсияҳо); табдил додани маблағҳои гузошташуда ба афзоиши арзиши сармоя, ки истеъмоли ниҳоии сармоягузориҳо ва гирифтани арзиши нави истеъмолиро тавсиф мекунад (дар шакли ашёи мавриди истифода ва иқтидорҳои истеҳсолӣ); афзоиши арзиши сармоя дар шакли даромад (фоида), ки дар он ҳадафи ниҳоии сармоягузорӣ амалӣ мешавад ва ғайра. Ҳамчунин соҳаҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва манбаъҳои он дар соҳаи гидроэнергетика тавсиф дода шудааст (саҳ. 15-28).

Муаллиф, ба муҳимияти нақшаи бизнеси лоиҳаи сохтмони иншооти гидронергетикӣ, яъне асосноккунии техникӣ - иқтисодии он ҳамчун ҷанбаи ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст. Сохтори мукаммали нақшаи бизнес барои сармоягузорӣ дар сохтмони НБО, ки аз муайян кардани хусусиятҳои объекти сармоягузорӣ ва шартҳои сармоягузорӣ дар ин объект, ташкили мониторинги бозори молиявӣ, таҳлили коғазҳои қиматнок, арзёбии хавфҳои сармоягузорӣ, даромаднокии сармоягузорӣ ва ғайра иборат аст, тавсиф карда шудааст (саҳ. 18).

Муаллиф дар диссертатсия зарурати такмили муносибатҳои лизингиро дар мамлакат, ки асосан дар пояи муносибати сегона - корхона - истеҳсолкунандаи ва ё пешниҳодкунандаи воситаҳои асосӣ; ширкати лизингӣ (корхона - иҷорадеҳ) ва иҷорагире, ки моликиятро гирифтааст ва онро дар муддати муайян истифода кардааст, сурат мегирад, таъкид шудааст. Зеро, тавассути истифодаи лизинг корхонаҳои соҳаи гидроэнергетикӣ даромади худро зиёд мекунад, зеро иҷорагир имконият дорад, ки бидуни ҷамъоварии пешакии маблағ барои маблағгузории он таҷҳизоти нави ҳозиразамонро зуд ба даст орад. Лизинг ба корхона имкон медиҳад, ки пардохтҳои лизингиро маневр кунад, зеро онро одатан пас аз гирифтани даромад аз фурӯши маҳсулоте, ки дар таҷҳизоти лизингӣ истеҳсол шудааст, анҷом медиҳад. (саҳ. 25-28).

Дар диссертатсия идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун маҷмуи усулҳо ва роҳҳои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунии

субъектҳои идоракунандаи соҳаи гидронергетика оид ба сармоягузориҳо, ки ҳадаф ва вазифаҳои он ба рушди пайваста ва такмили фаъолияти амалиётии объектҳои идорашаванда (соҳа, корхонаҳои гидроэнергетикӣ ва ғайра) ва таъмини маблағгузории кофӣ ва устувори сармоягузорӣ нигаронида шудааст, баррасӣ шуда, нақши калидии механизми ташкиливу иқтисодӣ, ки маҷмуи усулҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар усулҳоро дарбар мегирад, таъкид шудааст. Дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба зарурати такмили муносибатҳои се ҷузъи раванди идоракунӣ – субъект, объект ва ҳадафи идоракунӣ таваҷӯҳи ҷиддӣ дода шудааст

Дар диссертатсия ботафсил равандҳои татбиқи вазифаҳои сершумори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, ба монанди: таҳлил, мониторинг, ояндабинӣ; банақшагирии стратегӣ, ҷорӣ ва амалиётӣ; тартиби тасҳеҳ ва танзими фаъолияти сармоягузорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертант ба фарқияти назарраси мазмуни мушаххаси ин функсияҳо вобаста ба дараҷаи субъекти идоракунии сармоягузорӣ (дар сатҳи давлат ва минтақаву соҳаҳо, корхонаҳои алоҳидаи комплекси гидроэнергетикӣ) ба таври ҷиддӣ диққат додааст (саҳ. 46-63).

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Ҳолати муосири сармоягузорӣ ва идоракунии он дар соҳаҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон»** вазъи муосири рушди гидроэнергетика ва сармоягузориҳо дар ин соҳа мавриди таҳлил қарор гирифта, самаранокии сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар соҳаи гидроэнергетика арзёбӣ шудааст. (саҳ. 64-118)

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати таъмин намудани суботи истеҳсолот ва вазъи молиявии соҳаҳои гидроэнергетикии мамлакат тадбирҳои судманд андешида истодааст, ки дар натиҷа, тамоюли рушди устувори он мушоҳида мешавад

Дар диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҷмааи бузурги иқтисодиёти миллӣ беш аз 1/6 маҳсулоти саноатиро истеҳсол мекунад, 1/8 ҳиссаи даромади андозро ба буҷет ва беш аз се ҳиссаи даромади буҷетро таъмин менамояд. Ҳукумати Тоҷикистон дар бобати таъмин намудани суботи истеҳсолот ва вазъи молиявии соҳаҳои гидроэнершгетикии мамлакт тадбирҳои судманд андешида истодааст. Ин таваҷҷуҳи давлат ба соҳаҳои гидроэнергетика бо омилҳои зерин алоқаманд аст: якум, иктидори электрикии ҷумҳурӣ ҳанӯз кифоя нест, қонеъ гардондани талаботи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ то сатҳи комил нарасидааст; дуюм, тараққиёти энергетика ба ҷумҳурӣ имконият медиҳад, аз содироти неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя (Афғонистон, Эрон, Покистон), сурат гирифта, даромади калон ба даст меорад. (саҳ. 65-68).

Муаллиф илова кардааст, ки дар радифи вазифаҳои идоракунӣ масъалаи истифодаи самараноки сармоя дар соҳаи гидроэнергетикӣ муҳимияти аввалия пайдо мекунад. Чуноне, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, “дар давраҳои минбаъда ҳадафҳои стратегӣ дар самти энергетика сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши неруи барқ”[2] ташкил медиҳад. Азбаски ин соҳа ба бахши давлатӣ дохил мешавад, ин ҷо на танҳо сармоягузориҳои хориҷӣ, балки ҳаҷми калони онро сармоягузории давлатӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ масъалаҳои рушди институтсионалӣ дар назорати идоракунӣ, таъмини самаранок, шаффоф ва молиявии зиддикоррупсионӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар ҷадвали 2.9 диссертатсия хотирнишон шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар кишвар агар фарсоиши фондҳои асосии соҳаҳои саноат соли 2020 47,4%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 1996 ҳамагӣ 1,1 банди фоиз поён фаромадааст, дар электроэнергетика бошад, 48,3%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 1996 ҳамагӣ ба 0,9% банди фоиз кам шудааст. Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар соҳаи энергетика ҳарчанд зиёд шуда бошад ҳам, аммо вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ соли 2020 4,6 % - ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 1996 1,4% банди фоиз кам шудааст. Дар умум, дар мамлакат татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар даҳ соли охир барои сохтмон ва таҷдиди неругоҳҳои барқӣ сурат гирифта истодааст. Дар ин давра сохтмон ва ба истифода додани ду агрегати НБО - Роғун» (800 МВт), сохтмони МБГД (270 МВт), 70 НБО-и хурд, таҷдиди НБО-и Норак ва НБО-и Қайроқум (126 МВт), таҷдиди силсилаи НБО-и Вахш ва силсилаи НБО-и Варзоб ҳамагӣ дар ҳаҷми 2462,38млн. долл. сурат гирифтааст (саҳ. 82-84).

Дар диссертатсия нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии соҳа, ки дар умум самаранокии фаъолияти сармоягузориҳоро инъикос менамоянд, мавриди таҳлил қарор гирифтанд

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҷолибияти сармоягузории электроэнергетикаи мамлакат ихтилофнок аст: аз як тараф, лаҳзаи мусбӣ дар он аст, ки давлат дорои шумораи зиёди саҳмияҳо дар ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад, аз тарафи дигар, ба сармоягузорони хориҷӣ аз байни соҳибкорони миёна ва хурд ва бонкҳои тиҷоратӣ аз сабаби монополизми неруи барқ будани ШСХК «Барқи Тоҷик» умед бастан номумкин аст. Танҳо ба манбаъҳои дохилисоҳавии сармоягузориҳо, ки тавассути тарифҳо ва маблағи истеҳлокӣ ташаккул ёфтаанд, бояд умед баст. Дар барномаи дарозмуддати давлатии «Сохтмони неругоҳҳои барқии хурд барои давраи солҳои 2009-2020» дастгирии давлатии молиявӣ пешбинӣ шудааст, вале эҳтимолияти татбиқи пурраи он аз эҳтимол дур аст (саҳ. 95-110).

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Баланд бардоштани нақши идоракунии молиявӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика”** роҳҳои такмили механизмҳои ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми паст намудани хавф ва принсипҳои асосии идоракунии портфели сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика асоснок карда шудааст. (саҳ 118-153)

Дар диссертатсия ба такмили муносибатҳои сармоягузорӣ дар доираи сармоягузории портфелӣ, ҳамчун механизми ташкили идоракунии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, ки иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо Ҳукумати Ҷумҳурӣ, субъектҳои хоҷагидории ватанӣ, балки сармоягузорони хориҷӣ низ мебошанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Дар робита ба он, ки портфели сармоягузории субъектҳои соҳаи гидроэнергетика, ки ба портфели сармоягузориҳои воқеӣ мансуб аст, барои муайян кардани самтҳои асосии такмили механизми ташкилии ташаккули портфели инвеститсионӣ дар диссертатсия раванди ташкили фондҳои асосӣ гурӯҳбандӣ шудааст, ки онро сохтмони асосӣ меноманд. (саҳ 118-123)

Инчунин, муаллиф хусусиятҳои портфели воқеии сармоягузориро (ҳаҷми зиёди сармоягузорӣ) ва хавфи баланд (бо сабаби давомнокии татбиқ) тавсиф намуда, принсипҳои асосии ташаккули портфели сармоягузориро дар гидроэнергетика пешниҳод намудааст (ҷадвали 3.2.саҳ 122).

Дар баробари ин, муаллиф таъкид намудааст, ки бояд маҷмуи мувофиқи воситаҳои сармоягузорӣ муайян карда шавад, ки барои то ҳадди ақал кам кардани хавфи талафоти сармоя ва дар айни замон то ҳадди аксар зиёд кардани даромади ӯ пешбинӣ шудаанд. Ба ибораи дигар, бояд тавозуни қобили қабулро дар байни даромадҳо ва хавфҳои портфел пайдо намуд, то ба таносуби созиш байни онҳо расад. Шумораи оптималии унсурҳои портфел аз имкониятҳои сармоягузор вобаста аст. Арзиши маъмултарин аз 8 то 20 унсурҳои гуногуни портфели сармоягузориро фарқ мекунанд. Параметрҳои асосии портфели сармоягузорӣ - намуди портфел, маҷмуи хавф ва даромади портфел, сохтори портфел ва нақшаи идоракунии портфел, ки дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ истифода мешавад, тавсиф карда шудааст. (саҳ 125-133)

Дар расми 2.3 диссертатсия муаллиф қайд карда намудааст, ки вазифаи муҳими идоракунии портфели сармоягузорӣ назорат ва танзими хавфҳои он мебошад. Хавфу хатари портфели сармоя ин имкони (ё дурусттараш, дараҷаи эҳтимолияти) ба вуҷуд омадани ҳолатҳое мебошад, ки сармоягузор дар натиҷаи маблағгузорӣ ба портфел, инчунин амалиёти ҷалби захираҳо барои ташаккули он зиён меорад. Намудҳои асосии хавфҳои сармоягузорӣ дар соҳаи гидронергетика тасниф карда шудааст. Бо дарки муҳимияти идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ алгоритми таҳлили хавфҳо пешниҳод намудааст (саҳ 135-138)

Дар хулоса натиҷаҳои мухтасари таҳқиқот, пешниҳодҳои амалию илмии муаллифи диссертатсия бо дарназардошти мақсади асосӣ, вазифаҳои ҳалталаб ҳал шудаанд ва унвонҷӯ дар ин ҷо, хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалиро асоснок намуда пешниҳод кардааст. (саҳ 153-158)

**9. Камбудиву норасоиҳо ва баҳсноки кори диссертатсионӣ.** Новобаста аз муваффақкияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо наметавонанд арзиши баланди таҳқиқотро коста гардонанд. Ҳамзамон бо ин, камбудиву норасоиҳо ва баҳсноки кори диссертатсионӣ аз масъалаҳои зерин иборат мебошанд:

1. Дар рисолаи диссертатсионии **пешниҳодшуда** маълумотҳои омории таҳлилшаванда як давраи муайянро дар бар намегиранд. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳо як давраи муайянро ба назар мегирифт;
2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф таҷрибаи хориҷии раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми гидроэнергетика ва имкониятхои татбики он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта пешниҳод карда мешуд,
3. Зербанди 1.1 «Муносибатҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика» ном дорад аммо ақидаҳои назариявии олимони ватанӣ оид ба мавзӯи баррасишаванда кам ба назар мерасад;
4. Дар диссертатсия маълумоти пешгӯӣ оид ба ҷалби лоиҳаҳои сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои оянда ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ оварда нашудааст.
5. Таъсири омилҳои асосиро ба ба раванди сармоягузорӣ дар самти гидроэнергетика ба таври муфассал таҳқиқ нашудааст, дар ин ҷо ба масъалаи мавҷуд будани хавфу хатар, ки бо сабабҳои гуногун ба миён меоянд таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, аммо хуб мешуд, ки ба омӯзиши ин масъалаи муаммодор дар диссертатсия аҳамияти бештар зоҳир карда, роҳҳои кам кардани сатҳи хавфу хатар арзёбӣ мегардид.
6. Дар кори илмии муаллиф хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ҷой доранд.

**10. Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботи муқарарнамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Автореферати диссертатсия масоили асосии илмӣ ва муҳтавою мазмуни матни дисссертатсияро инъикос намудааст ва дар он шарҳи мухтасари кори илмӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ буда, барои ҳимоя пешкаш шудаанд, дарбар гирифтааст.

Муҳтавои диссертатсияи мазкур ба Шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба бандҳои 8; 8.3; 8.4 ва 8.8 мутобиқат мекунад.

**11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуқтаи назар қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» кори илмии мустақилона ва дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон сазовор ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 14 нафар омӯзгорон иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест (протоколи № 7 аз 07.02.2024 тасдиқ гардидааст).

Суратҷаласа аз тарафи номзади илми иқтисодӣ дотсент Дустматов Б.М. тартиб дода шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Декани факултети молия ва қарз,
н.и.и., дотсент — Хоҷаев Д.Х.

**Ташхисгар:**
д.и.и., профессор — Хоҷаев П.Д.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и.,дотсент — Дустматов Б.М.

Имзои Хоҷаев Д.Х., Хоҷаев П.Д. ва Дустматов Б.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Телефон: 987526060